**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

ТДУ: 334.716

**ДАВЛАТОВА РОЗИЯМО ҚАМБАРОВНА**

# ИДОРАКУНИИ РАҚОБАТПАЗИРИИ МАҲСУЛОТИ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ

(дар мисоли маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон)

**АВТОРЕФЕРАТИ**

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика

**Душанбе – 2023**

Кори диссертатсионӣ дар кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

| | |
|---|---|
| **Роҳбари илмӣ** | **Низамова Туҳфамо Давлатовна –** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи миллиии Тоҷикистон |
| **Муқарризони расмӣ** | **Рауфӣ Абдуғаффор** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи маркетинги соҳавӣ ва байналмилалии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон<br><br>**Ҷабборов Фатҳулло Амриевич** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон оид ба робитаҳои байналмилалӣ |
| **Муассисаи пешбар** | Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон |

Ҳимояи диссертатсия санаи «15» марти соли 2023, соати $14^{00}$ дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-015 дар назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ бо нишонии: 734042, ш. Душанбе, хиёбони академикон Раҷабовҳо, 10 баргузор мегардад.

Бо диссертатсия ва автореферат дар сомонаи расмии ДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ (http//www.ttu.tj) ва китобхонаи Донишгоҳ бо нишонии: 734042, ш. Душанбе, хиёбони академикон Раҷабовҳо, 10 шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «3» феврали соли 2023 фиристода шуд.

Котиби илмии
Шурои диссертатсионӣ
н.и.и., дотсент Ашурзода А.Н.

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар марҳилаи муосири рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи саноат ҳамчун соҳаи афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ маҳсуб ёфта, саноатикунонии босуръат ҳадафи чоруми рушди миллӣ ва баландбардории рақобатпазирии иқтисоди миллӣ аз ҷумлаи вазифаҳои аввалиндараҷаи ислоҳоти иқтисодӣ дар давраи миёнамуҳлат мебошад. Масъалаи баландбардории рақобатпазирии маҳсулоти саноатӣ дар маркази диққати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, алалхусус зери таваҷҷуҳи доимии роҳбари давлат қарор дорад. Вобаста ба ин масъала Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намуданд, ки «Бо мақсади тадриҷан зиёд кардани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии рақобатнок мо саноатикунонии босуръати кишварро ҳадафи чоруми миллӣ эълон намудем».[1]

Дар шароити муосир механизмҳои афзалиятноки бозории танзимкунии фаъолиятҳои иқтисодӣ боиси ташаккули муносибатҳои мухталифи рақобатӣ гардидааст. Вобаста ба ҳолати ҷойдошта, рушди устувори саноати сабук низ дар заминаи баландбардории афзалиятҳои рақобатии маҳсулоти он имконпазир мебошад. Воқеан сатҳи устувори рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои соҳа аз сатҳи идоракунии он вобастагии калон дорад. Вобаста ба ҳолати ҷойдошта корхонаҳои саноати сабукро зарур аст, то шаклҳо ва методҳои муосири идоракунии рақобатпазирии маҳсулотро истифода намоянд.

Дигар мушкилоти таъмини рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабуки ватанӣ – ин вобастагии иқтисодиёти миллӣ аз молу маҳсулоти воридотӣ мебошад. Новобаста аз он ки барои рушди соҳаи саноат як қатор чораҳо андешида шудааст, лекин баъзе аз нишондиҳандаҳои соҳа то ба ҳол тамоюли мусбати рушдро соҳиб нагардидаанд. Масалан, давоми бист соли охир барои рушди соҳаи саноати кишвар зиёда аз 35 милиард сомонӣ сармояи мустақими хориҷӣ ҷалб карда шудааст, дар ин давра зиёда аз 2000 корхонаи истеҳсолӣ бунёд гардида, шумораи онҳо то ба имрӯз ба зиёда аз 2360 адад расонида шудааст. Аммо ҳиссаи соҳаи саноат дар сохтори маҷмуи маҳсулоти дохилии кишвар 22-23% ва дар таъмини шуғли аҳолӣ 3-3,4%-ро ташкил медиҳад, ки нисбатан ғайриқаноатбахш мебошад. Рақамҳои омории соҳа аз он шаҳодат медиҳанд, ки маҳсулоти истеҳсолнамудаи корхонаҳои соҳа дар баробари молу маҳсулоти воридотӣ ва дар гардиши савдои хориҷӣ то ба ҳол мавқеи устувори рақобатпазириро соҳиб нагардидааст.

Нуқтаҳои зикршуда коркарди заминаҳои илмӣ-методологии идоракунии рақобатпазириро талаб менамоянд. Аз ин ру, мавзуи интихобшуда актуалӣ буда, дорои аҳаммияти муҳими назариявию амалӣ мебошад.

**Дараҷаи коркарди илмии проблемаи мавриди омӯзиш.** Масъалаҳои умумӣ ва хоси рақобат, бартариятҳои рақобатӣ ва рақобатпазирӣ дар сатҳҳои

---

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ—Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. www.prezident.tj

гуногун аз ҷониби олимону муҳаққиқони зиёди классик ва муосири хориҷиву ватанӣ таҳқиқ карда шудаанд. Назарияи умумии рақобат ва омилҳои ба он таъсиррасон дар таҳқиқоти А.Смит, Д.Рикардо, А. Маршалл, Й. Шумпетер, М.Портер, Йохан Аурик, Джайдип Прабху, Нави Раджу ва ғайраҳо баррасӣ шудааст.

Масъалаҳои назариявӣ ва методологии рақобатпазирии маҳсулот аз ҷониби олимони рус ба монанди Амбартсумов А.А., Божук С.Г., Ворожбит О.Ю., Грошев В.П., Дубинина Н.А., Иголников Г., Ковалик Л.Н., Коряюгов Ю.Ю., Красилников С.А., Мазилкина И., Маслова Т.Д., Паничкина Г.Г., Патрушева Е., Раманов А.Н., Сафронов Н.А., Стерликов Ф.Ф., Тригуб Н.А., Фасхиев Х.А., Фатҳутдинов Р.А., Швец В.Е., Юданов А.Ю. таҳқиқ гардидаанд.

Назария, методология ва амалияи идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти саноатӣ дар таҳқиқоти муҳаққиқони зер ба монанди Барабас Д.О., Галелюк М., Гарбасевич С.Л., Горбал Н., Клименко С.М., Клюквина М., Мансуров Р.Е., Нестеренко Т.В., Омеляненко Т.В., Сирямина Л.В., Субботин М.Н., Тарнавский Н., Трибулина И.Т., Фатҳутдинов Р.А. баррасӣ карда шудааст.

Масъалаҳои умумӣ ва хоси назария ва амалияи рақобатпазирии саноат ва маҳсулоти саноатӣ дар таҳқиқоти олимони ватанӣ ба монанди Бойматов Д.М., Давлатзода Қ.Қ., Каримова М.Т., Қодиров Ф.А., Комилов С.Ҷ., Махкамов Б.Б., Мирсаидов А.Б., Мухторзода С.С., Низамова Т.Д., Ҳоҷиматова Х.Р., Раҳимов А.М., Раҳмизода М.Н., Рауфӣ А., Ризоқулов Т.Р., Файзуллоев М.К., Хоҷаева Д.А., Ҷабборов Ф.А., Ҷумаев Б.М., Ҷумаев У.М., Ҷурабоев Ғ. ва ғайраҳо таҳқиқ ва баррасӣ гаштааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти анҷомшуда ба ҳадафҳои стратегии рушди миллӣ, аз он ҷумла нишондодҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар бахши Боби 1., 1.1. Дар самти баландбардории рақобатпазирии иқтисоди миллӣ; 1.4. "Баланд бардоштани самаранокӣ, гуногуншаклӣ ва рақобатпазирии бахши воқеии иқтисодиёт, аз ҷумла воситаҳои асосии корхонаву муассисаҳо ..."; «Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025» ва "Консепсияи ташкил ва рушди кластерҳои агросаноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040" мувофиқат мекунад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** ин асосноккунии назариявию методологӣ ва коркарди тавсияҳои амалӣ ҷиҳати такмили механизми идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Расидан ба ҳадафи гузошташуда ҳалли масъалаҳои зеринро талаб менамояд:

– омӯзиши ҷанбаҳои назариявии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ дар шароити муосир;

– таҳқиқи методология ва принсипҳои идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук;

– ошкорсозии омилҳо ва нишондиҳандаҳои рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабук дар шароити муосир;

– таҳлили иқтидори рақобатии корхонаҳои саноати сабук ва баҳодиҳии омилҳои ба онҳо таъсиррасон;

– коркарди тавсияҳо ҷиҳати истифодаи усулҳои инноватсионии таъмини рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабук.

**Объекти таҳқиқотро** низоми идоракунии рақобапазирии корхонаҳои саноатӣ ташкил медиҳад.

**Мавзуи таҳқиқот** муносибатҳое ба ҳисоб меравconfigurations, ки дар ҷараёнҳои идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуҷуд омадаанд.

**Фарзияи таҳқиқот** бар он асос меёбад, ки рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати аз ҷумлаи омили бунёдии баландбардории рақобатпазирии корхонаҳо, соҳаҳо, минтақаҳо ва дар натиҷа рақобатпазирии иқтисоди миллӣ буда, ташаккули механизми самараноки идоракунии он аҳамияти муҳим ва стратегӣ дорад. Ҳамчунин густариши равандҳои саноатикунонии босуръати рақобатпазир ба бартариятҳои рақобатии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ алоқамандии бевосита дошта, зимнан саноати сабук метавонад иқтидори рақобтаии саноати миллиро баланд бардорад.

**Асосҳои назариявию методологии таҳқиқотро** корҳои бунёдии олимони ватанию хориҷӣ оид ба масъалаи баландбардории сатҳи рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабук ташкил менамоянд. Дар баробари ин таҳқиқотҳои диссертатсионӣ ва монографӣ, санадҳои асосии меъёрию ҳуқуқие, ки муносибатҳои иҷтимоию иқтисодиро дар самти таъмин ва идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти саноатӣ ба танзим медароранд ва сарчашмаҳои дигареро, ки ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ алоқаи бевосита доранд, истифода шудаанд.

Бо мақсади ноил гаштан ба мақсад ва иҷрои вазифаҳои дар диссертатсия гузошташуда усулҳои зерини илмӣ-таҳқиқотӣ мавриди истифода қарор гирифтанд: муқоиса, методҳои оморию иқтисодӣ, методҳои ҷадвалсозӣ ва графиксозӣ, таҳлили системавӣ, гурӯҳбандӣ, методи абстрактивию мантиқӣ, усули таҷрибавӣ ва ғ. Истифодаи усулҳои болозикр асоснокии илмии хулосаю пешниҳоди диссертатсияро таъмин намуданд.

**Сарчашмаи маълумот.** Ба сифати сарчашмаи маълумотӣ санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, нашрияҳои матбуоти даврӣ, монографияҳо, маводи конференсия ва семинарҳои илмӣ-амалӣ роҷеъ ба масъалаҳои рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабук, захираҳои иттилоотии Интернет, матолиби конфронсҳои илмӣ ва илмию амалии байналхалқӣ ва ҷумҳуриявӣ, мизҳои мудаввар ва коркарду ҳисобҳои худи муаллиф истифода шудаанд.

**Марҳилаҳои таҳқиқот.** Давраи иҷрои диссертатсия солҳои 2019-2022-ро дар бар гирифта, дар кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

**Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ** аз таҳияи заминаи назариявӣ-методологӣ ва коркарди тавсияҳои амалӣ иборат мебошад, ки

барои такмили ҷараёни идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабук мусоидат менамоянд. Натиҷаҳои назарраси таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки дорои хусусиятҳои навгонӣ мебошанд, инҳоянд:

– дар асоси банизомдарорӣ ва таҳқиқи назарияи классикӣ, неоклассикӣ ва муосир назарияи рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ инкишоф ва такмил дода шуда, таркибдиҳандаҳои рақобатпазирии маҳсулот ошкор гардида, заминаҳои баландбардории рақобатпазирии маҳсулоти корхона асоснок карда шуданд;

- методология ва принсипҳои такмилёфтаи идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхона пешниҳод карда шудаанд, ки гурӯҳбандии намудҳои идоракунӣ ва пешниҳоди принсипҳои нави ташкили идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабукро дар бар мегиранд;

– омилҳо ва нишондиҳандаҳои ба сатҳи рақобатпазирии маҳсулот таъсиррасон мушаххас карда шуда, нақши марказӣ доштани омили инсонӣ ва дигар омилҳои калидии таъмини рақобатпазирӣ гуруҳбандӣ ва маънидод шудаанд;

– омилҳои таъмини иқтидори рақобатӣ ва рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук таҳлилу баҳогузорӣ шуда, муҳимтарини онҳо ошкор гардиданд, ки фарогири чорабиниҳои вобаста ба ҳифзи истеҳсолоти ватанӣ аз таъсири омилҳои манфӣ, зиёд намудани афзалиятҳои рақобатии маҳсулот, омӯзиши рафтори истеъмолкунандагони мушаххас, фоиданокию нархи маҳсулот, хусусиятҳои инноватсионӣ доштани маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки ватанӣ, танзими давлатии соҳа, тамоюли мусбии омилҳои иқтисодӣ, технологӣ ва неруи устувори кадрӣ мебошад;

– имкониятҳои таъмини рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабук дар асоси таҳқиқи таҷрибаи хориҷӣ муайян карда шуда, дар ин замина тавсия шудааст, ки ба баландбардории сифати маҳсулот, сабукиҳои андозӣ, истифодаи васеи инноватсия, диверсификатсияи истеҳсолоти саноатӣ, баланд бардоштани сатҳи тахассуснокии захираҳои меҳнатии соҳа, афзоиши ҳосилнокии меҳнат, рушди инфрасохтори иқтисодӣ, ҷорӣ намудани истеҳсолоти сарфакорона дар корхонаҳои соҳа, истифодаи васеи маркетинги рақамӣ, ба роҳ мондани фаъолияти субъектҳои саноати сабук дар намуди корхонаҳои хурду миёна ва амалкарди низоми мукаммали идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабук таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда шавад;

– самтҳои афзалиятноки тақвияти фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноати сабук муайян карда шуда, ҷиҳати истифодаи васеи роҳу усулҳои инноватсионӣ дар ҳама самтҳои фаъолияти онҳо, ки барои зиёд намудани афзалиятҳои рақобатӣ ва таъмини рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабук мусоидат менамояд, тавсияҳо пешниҳод карда шуданд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

– дар асоси таҳқиқи асосҳои назариявӣ-методологӣ асоснок карда шудааст, ки баландбардории аҳаммияти иҷтимоию иқтисодии маҳсулоти саноати сабук дар заминаи афзоиши фоиданокии он, зиёд намудани афзалиятҳои рақобатнокии маҳсулот, таъмини рақобатпазирии маҳсулот дар асоси банақшагирии маркетингии стратегӣ ва истифодаи васеи инноватсия

заминаҳои афзалиятноки баландбардории рақобатпазирии маҳсулот дониста мешаванд.

– дар натиҷаи омӯзиш методология, принсип, омилҳо ва нишондиҳандаҳои рақобатпазирии маҳсулот мушаххас карда шуда, вобаста ба характери таъсиррасонӣ онҳо гуруҳбандӣ карда шудаанд, намудҳо ва омилҳои идоракунии рақобатпазирии маҳсулот таснифот шуда, фаъолияти муштараки механизми бозорию давлатии идоракунии рақобатпазирӣ ҳамчун самти муҳмми идоракунии рақобатпазирӣ асоснок карда шудааст;

– таҳлили вазъи кунунии корхонаҳои саноати сабук нишон дод, ки маҳсулоти истеҳсолкардаи онҳо то ба ҳол мавқеи устувори рақобатпазириро соҳиб нест, ба истисноии маҳсулоти корхонаҳои саноати нассоҷӣ, ки тамоюли мусбии содироти онҳо дида мешавад, инчунин зарурати рушди истеҳсоли пойафзол ва дигар маҳсулоти чармӣ дар ҳудуди ҷумҳурӣ вуҷуд дорад;

– баҳодиҳии омилҳои таъмини рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабук нишон дод, ки роҳи муҳимтарини баландбардории рақобатпазирӣ – ин муҳофизати маҳсулоти истеҳсолоти ватанӣ аз таъсири ҳама гуна омилҳои манфӣ ва зиёд намудани афзалиятҳои рақобатпазирии он мебошад, ки бозоргирии маҳсулотро дар ҳама гуна шароит таъмин менамоянд;

– муайян ва ошкор намудани имкониятҳои таъмини рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабук аз тариқи ҷорӣ намудани инноватсия, диверсификатсияи истеҳсолоти саноатӣ, устувории неруи кадрӣ, дастгирии молиявии корхонаҳои соҳа, зиёд намудани афзалиятҳои сифатию миқдории рақобатпазирӣ, рушди фаъолияти субъектҳои саноати сабук дар намуди корхонаҳои хурду миёна ва амали низоми мукаммали идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабук;

– муайян карда шудааст, ки дар шароити кунунии иқтисодиёти миллӣ ноустувории рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабук аз неруи нокифояи инноватсионии корхонаҳои соҳа бинобар сабаби маҳдудияти имкониятҳои молиявии онҳо вобаста мебошад ва ҷорӣ намудани намудҳои мухталифи фаъолияти инноватсионӣ барои зиёд намудани афзалиятҳои рақобатӣ ва таъмини рақобатпазирии маҳсулот мусоидат менамояд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки хулосаю пешниҳодҳои диссертатсия барои васеъ гардидани донишҳои назариявии соҳа ва такмили механизми баландбардории рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук мусоидат менамоянд.

Аҳаммияти амалии дар он дида мешавад, ки ҷиҳатҳои назариявӣ ва хулосаю пешниҳодҳои амалии он имконият медиҳанд, то рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук таъмин карда шавад. Натиҷаҳои илмии аз диссертатсия бадастовардашуда дар таҳқиқотҳои оянда, ки ба самти баландбардории сатҳи рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабук нигаронида шудаанд, истифода карда мешаванд. Нуқтаҳои илман асосноккардашуда ва хулосаю пешниҳодҳои диссертатсия метавонанд барои коркарди заминаҳои методологӣ ва ҷиҳатҳои амалии барномаҳои кутоҳмуддат ва дарозмуддати Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти рушди рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук истифода шаванд.

Коркардҳои назариявию амалии таҳқиқот дар ҷараёни тадриси фанҳои таълимии «Иқтисодиёти саноат», «Иқтисоди корхона» низ ба таври васеъ истифода карда мешаванд.

**Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсияро** таҷрибаҳои гузаронидашуда, мушоҳидаҳо, дақиқии маълумотҳо, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот, интишорот дар конфронсҳои илмӣ-амалии сатҳи гуногун тасдиқ менамоянд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ пешниҳод карда шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи тахассуси илмӣ.** Навоварӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои илмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи тахассуси 08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика мувофиқат мекунад: 2. Масъалаҳои назариявӣ ва методологии арзёбӣ ва баландбардории самаранокии фаъолияти хоҷагидорӣ дар соҳаҳои саноат ва энергетика; 6. Масъалаҳои назариявӣ ва методологии таъмини рақобатпазирии истеҳсолкунандагони маҳсулоти саноатӣ. Рақобатпазирии маҳсулот, корхона ва соҳаҳои саноат ва энергетика; 29. Асосҳои назариявӣ ва амалии ташаккул ва инкишофи истеҳсолоти саноатии воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда.

**Саҳми шахсии довталаб.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқот бобати расидан ба ҳадафи гузоштташуда, аз ҷумла интихоби мавзуъ ва таҳияи нақшаи он, асосноккунии сатҳи мубрамияти он, муайян намудани мақсаду вазифаҳо ва ноил гардидан ба онҳо ифода ёфтааст. Муаллиф дар ҷамъоварӣ, банизомдарорӣ ва таҳлили маълумоти оморӣ, асосноккунии заминаҳои баландбардорӣ ва такмили идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабук, таҳлилу баҳодиҳии вазъи кунунии корхонаҳои соҳа ва коркарди тавсияҳо ҷиҳати баландбардории сатҳи рақобатпазирии маҳсулоти онҳо саҳми бевоситаи худро гузошта, хулосаю пешниҳодҳои илмиро ба даст овардааст ва дар асоси онҳо мақолаҳои илмиро чоп намудааст.

**Таъйиди диссертатсия ва иттилоот оид ба истифодаи натиҷаҳои он.** Натиҷаҳои асосӣ ва муҳимми диссертатсия дар конференсияҳои илмӣ-амалии сатҳи байналмилалию ҷумҳуриявӣ, мизҳои мудаввар ва семинарҳои илмӣ-методӣ, ки дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва берун аз он гузаронида шудааст, аз ҷониби унвонҷӯ ироа гардидааст. Аксарияти мақолаҳои муаллифи диссертатсия дар солҳои 2019-2022 дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон рӯйи чоп омадаанд. Тавсияҳои методӣ ва амалии асосноккардашудаи таҳқиқот дар ҷараёни таълими фанҳои «Иқтисодиёти саноат» ва «Иқтисоди корхона» дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мавриди истифода қарор дода шудааст.

**Интишори натиҷаҳои таҳқиқот.** Доир ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф 9 мақола, аз ҷумла 5 мақола дар

маҷалаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп гардидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми таҳқиқот.** Сохтори диссертатсия аз муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, хулоса ва пешниҳодҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда, ки фарогирии 141 номгӯй мебошад, иборат аст. Дар кори диссертатсионӣ 17 ҷадвал, 18 расм мавҷуд буда, дар ҳаҷми 200 саҳифаи матни компютерӣ пешниҳод гардидааст.

## МАЗМУНИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Дар муқаддима** мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳо, объекту мавзуъ (предмет), фарзияи таҳқиқот, асосҳои назариявию методологӣ, сарчашмаи маълумот, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия оварда шудааст.

Дар боби якуми кори диссертатсионӣ ***«Асосҳои назариявию методологии идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти саноатӣ»*** **н**азария ва равишҳои таҳқиқи рақобатпазирии маҳсулоти саноатӣ, методологияи идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабук, ҳамчунин омилҳо ва нишондиҳандаҳои рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабук таҳқиқ карда шудааст.

Дар кори диссертатсионӣ исбот гардидааст, ки дар марҳилаи муосири рушди иқтисодиву иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини рақобатпазирии иқтисоди миллӣ аз ҷумлаи вазифаҳои марказии давраи миёнамуҳлати татбиқи сиёсати давлатӣ ба ҳисоб меравад. Таҷриба нишон медиҳад, ки рақобатпазирии иқтисоди миллӣ аз рақобатпазирии соҳаҳои асосии он вобаста буда, дар ин замина ташаккул ва рушди устувори саноати рақобатпазир самти муҳимми тақвияти бартариятҳои рақобатии иқтисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Дар баробари ин тамоюл ва равандҳои мураккаби бозори ҷаҳонӣ нишон медиҳанд, ки саноати рақобатпазир омили калидии ташаккули иқтидори давлат ва пояи асосии рушди бемайлони он ба ҳисоб меравад.

Дар кори диссертатсионӣ таъкид шудааст, ки таъмини рақобатпазирии саноат дар навбати худ ба ҳалли мушкилот ва баррасии имкониятҳои соҳаҳои алоҳидаи он вобаста буда, дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон саноати сабук метавонад соҳаи марказии таъмини рақобатпазирии саноати миллӣ бошад. Бо такя ба мавҷудияти ашёи хоми зарурӣ, бозори истеъмолӣ ва бартариятҳои захиравию имконотӣ саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад маъруфияти қаблиашро, ки дар замони шуравӣ соҳиб буд, дубора барқарор намуда, бо таваҷҷуҳ ба дастовардҳои замони муосир бартарияти рақобатии устуворро таъмин созад.

Мувофиқи назария ва равишҳои таҳқиқи маъмул рақобат ин мусобиқаи истеҳсолкунандагони алоҳидаи маҳсулот барои ишғоли ҳиссаи муайяни бозор

мебошад. Дар амалия рақобат унсури асосии механизми бозор дониста шуда, ҳамчун шакли муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва амали мутақобилаи субъектҳои иқтисодӣ дар ҷараёни истеҳсолот, пешниҳоди меҳнат, сармоя ва хариду фурӯши маҳсулот низ баромад менамояд.

Таҳқиқи марҳилаҳои асосии рушди назарияи рақобат, бартарияти рақобатӣ ва рақобатпазирӣ нишон медиҳад, ки онҳо асосан дар пасманзари назарияҳои классикӣ, неоклассикӣ ва муосир рушду такомул ёфтанд. Ҷонибдорони назарияи классикӣ рақобат ва муносибатҳои ба он алоқамандро аз нигоҳи бартариятҳои мутлақ ва нисбӣ тавсия намуда, намояндагони равияи неоклассикӣ рақобатро омили таҳрикдиҳандаи иқтисодиёт ва бартарияити рақобатиро шарти асосии рақобатпазирии объект ва субъект медонанд. Назарияҳои муосир бошад рақобатро ҳамчун мубориза ва омили асосии ба фаъолияти инноватсионӣ таъсиррасонанда медонад.

Таҳқиқоти анҷомшуда нишон дод, ки нақши асосиро дар таъмини рақобатпазирии ҳама сатҳҳо рақобатпазирии маҳсулот мебозад, аз ин рӯ, нишондиҳандаи рақобапазирии маҳсулот барои таҳқиқ ва баҳодиҳии дигар сатҳҳои рақобатпазирӣ низ мавриди истифодаи васеъ қарор мегирад. Аз таҳлил ва омӯзиши нуқтаи назари олимон-иқтисодчиён перомуни фаҳмиши рақобатпазирии маҳсулот маълум гардид, ки муаллифон роҳҳои гуногунро оид ба фаҳмиши рақобатпазирии маҳсулот пешниҳод кардаанд, аз ҷумла: а) аз мавқеи муқоисакунӣ бо маҳсулоти рақобаткунанда; б) аз мавқеи қаноатмандии талабот; в) аз мавқеи таъсири омилҳои муҳити берунӣ.

Аз таҳлили сарчашмаҳо бармеояд, ки ақидаи олимон-иқтисодчиён оид ба фаҳмиши рақобатпазирӣ ва масъалаҳои марбут ба баландбардории он ягона нест. Ғайр аз ин дар ин самт методикаи универсалӣ ва ё назарияи умумиқабулкардашуда мавҷуд нест. Ин пеш аз ҳама категорияи мураккаби иқтисодӣ будани рақобатпазириро нишон медиҳад.

Дар кори диссертатсионӣ таъкид шудааст, ки дар шароити коҳишёбии рақобатпазирии маҳсулот диққати асосӣ бештар ба танзими нарх нигаронида мешавад. Хусусан дар охири даври ҳаётии дилхоҳ мол як қатор ҳодисаҳо аз қабили пайдоиши моли ивазкунанда бо дараҷаи баланди қаноатмандии талабот; куҳнашавии мол аз нуқтаи назари техникӣ ва маънавӣ, мунтазам кам шудани афзалиятнокии молу маҳсулот барои истеъмолкунандагон ба вуҷуд меоянд, ки ба нарх алоқамандии зич доранд. Дар натиҷаи пастшавии сатҳи нархи молу маҳсулоте, ки дар марҳилаи ниҳоии даври ҳаётӣ қарор дорад, талабот ба он низ ба пастшавӣ майл менамояд.

Идоракунии рақобатпазирии маҳсулот яке аз масъалаҳои бунёдии таъмини рушди устувори корхонаҳои саноатӣ ба ҳисоб меравад. Аз ҳисоби баҳсталаб будани масъалаи мазкур нуқтаи назари ягона оид ба мафҳум ва моҳияти он вуҷуд надорад, ки ин ҳолат то андозае афзалиятнокии таҳқиқи масъалаи идоракунии рақобатпазирии маҳсулотро пеш меорад. Идоракунии рақобатпазирӣ мутобиқшавии корхонаҳоро ба тағйироти динамикии муҳити бозор ва имкониятҳои рақобат намудан бо истеҳсолкунандагон ва фурӯшандагони молҳои муқоисашаванда таъмин намуда, аз истифодаи самараноки консепсияи идоракунии рақобатпазирии маҳсулот бартарияти рақобатии корхона вобаста мебошад.

Дар кори диссeратaтсионӣ ташаккули механизми самараноки идоракунии рақобатпазирии корхона бо он маънидод карда мешавад, ки нишондиҳандаҳои натиҷаҳои молиявии он аз рақобатпазирии маҳсулоти корхона вобаста буда, муваффақияти маҳсулот, бозоргирии он ва афзоиши даромад аз фурӯш ба хусусиятҳои рақобатии маҳсулот вобаста мебошанд. Таҳлили сарчашмаҳои гуногун нишон медиҳад, ки методологияи ташаккули низоми идоракунии рақобатпазирии корхона бояд на танҳо самаранокии фаъолияти онро таъмин намояд, балки ба густариши иқтидори рақобатии корхона мусоидат кунад. Дар ин замина бо назардошти намудҳо ва объекти идоракунӣ, инчунин мавҷудияти таҷрибаи таҷзияи бахшҳои алоҳидаи низоми идоракунии рақобатпазирии корхона механизми онро чунин пешниҳод намудан мумкин аст.

Низоми идоракунии рақобатпазирии маҳсулот аз маҷмуи воситаҳо ва методҳои идоракуние иборат мебошад, ки онҳо сатҳи лозимии рақобатпазирии маҳсулотро таъмин менамоянд. Низоми мазкур аз як қатор зернизомҳо иборат мебошад, ки мақсади асосии онҳо бунёди афзалиятҳои рақобатнокии маҳсулот мебошад. Рақобатпазирии маҳсулот, ки аз омилҳо ва ҷиҳатҳои гуногун вобаста мебошад, бинобар ин, зарурати рӯйи кор омадани намудҳои мухталифи идоракунии он ба миён меояд. Низоми идоракунии рақобатпазирии маҳсулот аз маҷмуи унсурҳои ба ҳамдигар алоқаманд иборат мебошад.




**Расми 1. Сохтори механизми идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук дар шароити муосир (таҳияи маллиф)**

Самаранокии низоми идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук дар асоси истифодаи принсипҳои пешрафта таъмин гардида, шарти асосии татбиқи дурусти методологияи пешниҳодшуда мебошад. Таҳлили сарчашмаҳо нишон медиҳад, ки зимни ташаккули механизми идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ принсипҳои гуногун дар алоҳидагӣ ва ё дар якҷоягӣ истифода карда мешаванд. Татбиқи алоҳида ва ё дар комбинатсияи муайяни принсипҳои дар ҷадвал овардашуда имконият медиҳад, ки алгоритми идоракунии рақобатпазирии корхона тақвият ёфта, натиҷабахшии чорабиниҳои дар ин самт татбиқшуда бештар гарданд. Дар ин миён принсипи шаффофият ва риояи талаботҳои иқтисоди сабз аз ҷумлаи принсипҳои мубрам ва муосир мебошанд.

Таҳқиқи асосҳои назариявию методологии таъмини рақобатпазирии маҳсулоти саноатӣ нишон дод, ки оид ба фаҳмиши рақобатпазирии маҳсулоти саноатӣ нуқтаи назари иқтисодчиён гуногун буда, онҳо баландбардории сатҳи онро гуногун шарҳ додаанд. Рақобатпазирии маҳсулоти саноатӣ аз маҷмӯи омилҳо ва нишондиҳандаҳо, ки дар шакли иқтисодию сифатӣ, дохилию берунӣ, субъективию объективӣ ва дигар намудҳо мавҷуданд, ба тамоюли рақобатпазирӣ таъсири худро мерасонанд. Рақобатпазирии маҳсулот ҳамчун объекти идоракунӣ истифодаи методҳо ва механизмҳои мукаммали идоракунӣ, ки баландбардории сатҳи рақобатпазирии маҳсулотро таъмин менамоянд, талаб мекунад.

Дар боби дуюми кори диссертатсионӣ ***«Таҳлили ҳолати муосир ва низоми идоракунии рақобапатзирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон»*** вазъи муосир ва иқтидори рушди корхонаҳои саноати сабук, сатҳи рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук, ҳамчунин омилҳои дохилӣ ва берунии таъмини рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук таҳлил ва баҳогузорӣ шудаанд.

Дар кори диссератсионӣ исбот шудааст, ки таҳаввулоти назария ва методологияи рақобат, бартарияти рақобатӣ, рақобатпазирии маҳсулоти саноатӣ ва механизми идоракунии он собит менамояд, ки он падидаи мураккаб буда, таҳти таъсири омилҳои гуногун ташаккул меёбад. Дар баробари ин рақобатпазирӣ бо истифода аз нишондиҳандаҳои гуногун тавсиф шуда, гурӯҳбандӣ ва истифодаи дурусти онҳо шарти асосии муайянкунии мавқеи рақобатии корхона ба ҳисоб меравад. Дар шароити кунунӣ сатҳи рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук аз омилҳои идоракунӣ, аз ҷумла стратегияи идоракунии рақобатпазирии маҳсулот, рақобатпазирии низоми менеҷмент, идоракунии сифати маҳсулот вобастагии зиёд дорад. Аз ин бармеояд, ки рақобатпазирии маҳсулот истилоҳи мураккаб мебошад ва сатҳи он дар амалия аз низоми нишондиҳандаҳо ва омилҳои таъсиррасон вобаста аст.

Омилҳои рақобатпазирии маҳсулот гуногун мебошанд ва ба сатҳи рақобатпазирӣ таъсири мусбат ва манфӣ мерасонанд. Аз ин рӯ, корхонаҳои саноатиро зарур аст, ки механизми идоракуниро пурзӯр намуда, барои баландбардории сатҳи рақобатпазирии маҳсулоти худ мусоидат намоянд. Дар кори диссертатсионӣ омилҳои рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук гурӯҳбандӣ шуда, сатҳи таъсири онҳо ба рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳо муайян карда шудааст.

Дар кори диссертатсионӣ қайд карда шудааст, ки яке аз самтҳои стратегии баландбардории рақобатпазирии маҳсулот, ки аз омилҳои мусбӣ иборат аст, афзалияти дуруст истифодабарии захираҳои меҳнатӣ, истеҳсолӣ, техникӣ, технологӣ ва сохторӣ; афзалият дар ҳавасмандгардонии талабот ба маҳсулот; дар муқоиса бо маҳсулоти рақибон арзиши аслии паст ва сифати баланд доштани маҳсулот; мутобиқшаванда ва чандирӣ будани маҳсулот дар шароити номуайянии бозорӣ ва таваккали соҳибкорӣ; мувофиқати сиёсати давлатӣ дар самти ҳимоя ва танзими рақобат, инчунин дастгирии молистеҳсолкунандагон ба ҳисоб мераванд.

Зимни таҳқиқот муайян карда шудааст, ки соҳаи саноат, хусусан саноати сабук яке аз соҳаҳои асосии таъминкунандаи шуғли аҳолӣ ва қонеъкунандаи талаботи ҷомеа ба маҳсулоти ниёзи аввалия мебошад. Аммо новобаста аз натиҷаҳои мусбат таҳлили рақамҳои оморӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки соҳаи саноат то ҳадди зарурӣ барои қонеъ намудани нишондиҳандаҳои зикршуда иқтидори пурраи худро истифода намекунад. Масалан агар истеҳсолот ба ҳисоби миёна ба ҳар сари корхонаи саноатӣ дар соли 2011 7,2 млн сомониро ташкил медод, пас ин рақам дар соли 2020 ба 13,5 млн сомонӣ баробар гаштааст. Афзоиши назарраси истеҳсолоти саноатӣ танҳо солҳои охир (2017-2019) ба чашм расида, афзоиши миёнасолонаи ин нишондиҳанда давоми солҳои 2011-2016 ба 1% баробар аст, ки ин рақам қаноатмандкунанда нест.

Дар қиёс ба маҳсулоти соҳаҳои дигар истеҳсолоти саноатӣ дар саноати сабук бояд талаботи бозори дохилиро қонеъ сохта, барои мусоидат ба содирот маҳсулоти рақобатпазир истеҳсол намояд. Дар баробари ин, чи тавре ки болотар қайд намудем саноати сабук аз ҷумлаи саноати меҳнатталаб буда, дар таъсиси ҷойҳои кории нав ва таъмини шуғли аҳолӣ метавонад саҳми калон дошта бошад. Бинобар ин ҷиҳати муайян кардани иқтидори соҳа ва динамикаи нишондиҳандаҳои асосии он зарурати таҳлили оморӣ ба миён меояд.

Дар ҳамин замина ҷиҳати омӯзиши вазъи кунунии корхонаҳои саноати сабуки ҷумҳурӣ нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти корхонаҳои соҳаро мавриди таҳқиқ қарор медиҳем. Новобаста аз он ки ҳаҷми маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук сол то сол афзоиш меёбад, аммо то ба ҳол истеҳсолоти ватании маҳсулоти соҳа дар бозорҳои дохилию берунӣ рақобатпазир нест (ниг. ба ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. -Динамикаи нишондиҳандаҳои асосии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2020**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** |
| Шумораи корхонаҳо, воҳид | 2310 | 2043 | 1999 | 2161 | 2164 | 2283 |
| Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ (бо нархҳои соли 2020), млн. сомонӣ | 16116 | 18695 | 22677 | 25080 | 28391 | 30890 |
| Шумораи миёнасолонаи коркунони истеҳсолоти саноатӣ, ҳазор нафар | 81,2 | 80,9 | 86,8 | 85,6 | 84,2 | 84,3 |
| Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ ба сари ҳар як корманди корхонаи саноатӣ ҳазор сомонӣ | 198,4 | 231 | 261 | 292,9 | 337,1 | 366,4 |

***Манбаъ:*** *ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти* ***Тоҷикистон: 30-****соли истиқлолияти давлатӣ (маҷмуаи оморӣ), Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.–Душанбе-2021.– С.397.*

Таҳлилҳои анҷомдода мо нишон медиҳанд, ки ҳаҷм ва динамикаи уҳдадориҳои корхонаҳои саноатӣ ба сатҳи рақобатпазирии маҳсулот таъсири худро мерасонанд. Нишондиҳандаҳои мустақими рақобатпазирии маҳсулот бевосита аз нишондиҳандаҳои молиявии қарзҳои дебиторӣ ва кредиторӣ вобаста мебошанд. Чунки устувории фаъолияти сармоягузорӣ, пешрафти самтҳои алоҳидаи фаъолият ва дар маҷмуъ пардохтпазирии корхонаҳои саноатӣ аз динамика ва бузургии ҳаҷми қарзҳои дебиторӣ ва кредиторӣ вобаста мебошанд.

Яке аз нишондиҳандаҳое, ки вазъи ҷории корхонаҳои саноати сабуки ватанӣ ва пардохтпазирии маҳсулоти онҳоро нишон медиҳад, ҳиссаи молу маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук дар сохтори молии гардиши моли чакана мебошад. Нишондиҳандаи мазкур зарурат ва талаботи истеъмолкунандагони ниҳоиро ба маҳсулоти корхонаҳои болозикр нишон дода, муайян менамояд, ки дар сохтори молии гардиши моли чакана ҳиссаи маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук чи қадар аст. (ниг. ба ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. -Ҳиссаи молу маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук дар сохтори молии гардиши моли чакана, %**

| Номгӯи маҳсулот | Солҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
| Газвор | 5,8 | 5,8 | 5,3 | 5,2 | 5,1 | 5,0 |
| Пахтагин | 1,3 | 1,3 | 1,1 | 1,2 | 1,1 | 1,1 |
| Матоъ ва рӯймолҳои пашмин | 0,68 | 0,70 | 0,61 | 0,61 | 0,57 | 0,57 |
| Абрешимӣ | 0,40 | 0,40 | 0,39 | 0,41 | 0,31 | 0,31 |
| Катонӣ | 0,13 | 0,13 | 0,13 | 0,15 | 0,18 | 0,18 |
| Либос ва либоси таг | 1,3 | 1,3 | 1,1 | 1,4 | 1,4 | 1,4 |
| Муина, маҳсулоти муина ва каллапушҳо | 0,60 | 0,60 | 0,54 | 0,80 | 0,78 | 0,66 |
| Маҳсулоти кашбофӣ | 0,61 | 0,61 | 0,43 | 0,42 | 0,42 | 0,49 |
| Ҷуробу пайпоқ | 0,47 | 0,47 | 0,48 | 0,52 | 0,59 | 0,52 |
| Пойафзол | 2,3 | 2,3 | 2,2 | 2,8 | 2,78 | 2,8 |
| Ресмонҳо | 0,19 | 0,19 | 0,12 | 0,13 | 0,13 | 0,13 |
| Қолинҳо ва маснуоти қолинӣ | 1,3 | 1,3 | 1,1 | 1,2 | 1,2 | 1,2 |
| **Ҳамагӣ:** | **15,08** | **15,1** | **13,5** | **14,84** | **12,06** | **14,36** |

Манбаъ: ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти Тоҷикистон: 30-соли истиқлолияти давлатӣ *(маҷмуаи оморӣ), Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2021.– С.631-632.*

Аз рақамҳои ҷадвали 2. бармеояд, ки молу маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук дар сохтори молии гардиши моли чакана ҳиссаи муайянеро ишғол менамоянд. Тавре рақамҳои оморӣ нишон медиҳанд, ҳиссаи молу маҳсулоти корхонаҳои мазкур сол то сол майли камшавӣ дошта, аз 15,08 % дар соли 2015 ба 14,36 % дар соли 2020 расидааст. Аз молу маҳсулоти дар ҷадвал овардашуда ҳиссаи газвор, пойафзол, пахтагин, қолинҳо ва маҳсулоти қолинӣ, либос ва либоси таг нисбатан назаррас мебошад. Мутаассифона, ҳиссаи молу маҳсулоти зикршуда дар сохтори молии гардиши моли чакана сол то сол коҳиш ёфта истодааст, ба истисноии либосворӣ, ки солҳои 2018-2020 то андозае афзоиш ёфтааст. Бо мақсади зиёд намудани ҳиссаи молу маҳсулоти болозикр дар сохтори молии гардиши моли чакана ва дар ин замина таъмини рақобатпазирии онҳо рушди соҳаро аз тариқи ҷалби сармоягузорӣ, бунёди

корхонаҳо, ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ дар истеҳсолот, такмили ихтисоси кадрҳо, баланд бардоштани сифат ва фоиданокии молу маҳсулот зарур мешуморем.

Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсоли нассоҷӣ ва дӯзандагӣ ҳиссаи калонро дар сохтори саноати сабуки мамлакат ишғол менамоянд. Рақамҳои омори расмии соҳа нишон медиҳанд, ки корхонаҳои истеҳсоли нассоҷӣ ва дузандагӣ миқдоран зиёд шуда, то андозае ҳаҷми истеҳсолоти онҳо низ афзоиш ёфтааст.

Дар кори диссертатсионӣ исбот карда шудааст, ки дар шароити иқтисоди бозорӣ, ки байни субъектҳои иқтисодӣ рақобати шадид вуҷуд дорад, баҳодиҳии рақобатпазирии маҳсулот яке аз масъалаҳои муҳими муайян намудани мавқеи рақобатпазирии маҳсулоти корхона дониста мешавад. Ба сатҳи рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук як қатор омилҳо таъсир мерасонанд, бинобар ин, баҳодиҳии рақобатпазирии он истифодаи як қатор нишондиҳандаҳоро талаб менамояд. Вобаста ба ин, дар ин қисмати диссертатсия сатҳи рақобатпазирии маҳсулулоти корхонаҳои саноати сабуки ҷумҳурӣ бо истифодаи нишондиҳандаи ҳиссаи истеҳсоли маҳсулоти корхонаҳои алоҳида дар маҷмуи маҳсулоти соҳа, ҳиссаи корхонаҳо дар ҳаҷми содироти маҳсулот, арзиши асосии маҳсулоти истеҳсолшаванда ва дигар нишондиҳандаҳо муайян ва баҳогузорӣ карда шудааст.

Таҳлил ва омӯзиши маълумоти омории соҳа ба мо имконият дод, то рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки ҷумҳуриро аз рӯйи як қатор нишондиҳандаҳо баҳодиҳӣ намоем. Натиҷаи баҳодиҳии гузаронидашуда нишон дод, ки маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки кишвар дар бозорҳои дохилӣ ва берунӣ то кунун ба сатҳи устувори рақобатпазирӣ нарасидааст. Новобаста аз он ки фаъолияти корхонаҳои соҳа дар самти истеҳсоли маҳсулоти инноватсионӣ, баландсифат ва дар бозорҳои дохилию берунӣ ба рақобат тобовар нисбатан мусбат арзёбӣ карда мешавад, аммо шумораи чунин корхонаҳо назаррас нестанд.

Дар кори диссертатсионӣ таъкид шудааст, ки рақобатпазирии маҳсулотро омилҳои гуногун муайян менамоянд. Иқтисодчиён вобаста ба нигоҳи илмии худ низоми омилҳои ба баландшавӣ ва пастшавии сатҳи рақобатпазирии маҳсулоти таъсиррасонро дар шаклҳои мухталиф пешниҳод кардаанд.

Ҷиҳати муайян намудани омилҳои муҳити дохилӣ ва берунӣ, ки ба таври мустақим ва ғайримустақим ба сатҳи рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки ҷумҳурӣ таъсир мерасонанд, гузаронидани таҳлили PEST (таҳлили омилҳои сиёсӣ-ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, технологӣ) муносиб мебошад. Натиҷаи таҳлил дар **ҷадвали 3.** оварда шудааст.

Тавре аз маълумоти дар ҷадвал дида мешавад, ба омилҳои сиёсӣ-ҳуқуқӣ он омилҳое дохил мешаванд, ки фаъолияти корхонаро муайян намуда, ба мақомотҳои давлатӣ мансубанд, аз ҷумла маҷмуи қонунҳо, барномаҳои соҳа ва лоиҳаҳо. Санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии мазкур сиёсати давлатиро дар соҳаи саноат, дастгирии давлатии субъектҳои соҳаи саноат ва дигар масъалаҳои ба инҳо монандро дар бар мегиранд. Масалан ҳадафи чоруми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки саноатикунонии босуръати кишвар дониста мешвад,

аз ин рӯ, ин ҳуҷҷатро метавон ҳамчун омили мусбат рушди асосҳои институтсионалии соҳаи саноати сабук арзёбӣ намуд.

**Ҷадвали 3 - Натиҷаи таҳлили PEST-и омилҳои муҳити дохилӣ ва берунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки ҷумҳурӣ**

| Омилҳои сиёсӣ | Омилҳои иқтисодӣ |
|---|---|
| 1.Босуботии ҳокимият сатҳи ҷумҳурӣ;<br>2.Тағйироти қонунгузорӣ дар соҳаи саноати сабук;<br>3.Танзими давлатии соҳаи саноат, аз ҷумла саноати сабук;<br>4.Амалкарди сиёсати истеҳсоли воридивазкунанда дар сатҳи ҷумҳурӣ. | 1.Ҷой доштани таваррум дар мамлакат;<br>2.Афзоиши шумораи зиёди соҳибкорони воридкунанадаи маҳсулоти истеҳсолкунандагони хориҷӣ;<br>3.Даромаднокии пасти маҳсулот;<br>4.Норасоии воситаҳои молиявии корхонаҳои саноати сабуки ватанӣ. |
| **Омилҳои иҷтимоӣ** | **Омилҳои технологӣ** |
| 1.Мавҷудияти талаботи чандирии истеъмолкунандагон ба маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук;<br>2.Хоҳиши истеъмолкунандагон барои дастрасӣ доштан ба маҳсулоти баландсифат;<br>3.Рағбати истеъмолкунандагон барои беҳтар намудани шароити зиндагӣ;<br>4.Мавҷудияти фосила байни сатҳи даромад ва арзиши зиндагии истеъмолкунандагон. | 1.Истифодаи нокифояи технологияҳои навин дар соҳаи саноати кишвар;<br>2.Ҷой доштани технологияҳои аз ҷиҳати ҷисмонӣ ва маънавӣ куҳнашуда дар корхонаҳои саноатӣ;<br>3.Сатҳи баланди истеҳлоки воситаҳои асосии корхонаҳои соҳа;<br>4.Сатҳи баланди талабот ба қувваи барқ ва масолеҳталабии маҳсулот бо сабаби истифодаи технологияҳои нисбатан куҳнашуда дар корхонаҳои саноатӣ;<br>5.Истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати маънавӣ куҳнашуда;<br>6.Пайдоиши намудҳои навини молу маҳсулот ва борҷомабандии онҳо, ки кафолати сифатро таъмин менамоянд. |

Инчунин натиҷаи таҳлилу омӯзишҳои гузаронидашуда нишон доданд, ки ба сатҳи рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки ватанӣ як қатор омилҳои манфӣ таъсир мерасонанд. Аммо дар баробари ин, чорабиниҳои маҳдудкунии онҳо низ мавҷуданд, ки бо роҳи идоракунии сесатҳаи рақобатпазирӣ амалӣ карда мешавад (ниг. ба расми 2).

Дар расми 2. идоракунии сесатҳаи рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук оварда шудааст. Дар сатҳи якум татбиқи чорабиниҳои зарурии давлатӣ омилҳои манфии рақобатпазирии маҳсулот, ки ба сиёсати иқтисодии давлат вобаста мебошанд, маҳдуд карда мешаванд.

Сатҳи дуюми идоракунии рақобатпазирӣ бо роҳи баландбардории афзалиятҳои рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабуки ватанӣ бояд амалӣ карда шавад, чунки дар бозорҳои ҷумҳурӣ омилҳои баландбардории рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки хориҷӣ мавҷуданд.

Омилҳои манфие, ки дар муҳити дохилии корхонаҳои саноати сабук ба сатҳи рақобатпазирии маҳсулот таъсири манфӣ мерасонанд, дар натиҷаи татбиқи чорабиниҳои зарурии корхонаҳои соҳа маҳдуд карда шуда, бо ин роҳ рақобатпазирӣ таъмин карда мешавад.

**САТҲҲОИ ИДОРАКУНИИ РАҚОБАТПАЗИРИИ МАҲСУЛОТИ КОРХОНА**

**САТҲИ ЯКУМ**

**Омилҳои пасткунандаи рақобатпазирии маҳсулот, ки ба сиёсати иқтисодии давлат вобаста мебошанд:**
– гаронии андоз дар ҷумҳурӣ;
– афзоиши доимии (тамоюли пастшавӣ надоштан)–и нархи омилҳои истеҳсолот ва хизматрасониҳо;
– меъёри баланди фоизи қарз дар низоми бонкии кишвар;
– таъсири манфии таваррум;
– ноустувории қурби асъори миллӣ;
– ноустувории ҳимоя дар бозори берунӣ;

**Чорабиниҳои зарурии давлатӣ барои баландбардории рақобатпазирии маҳсулот:**
– паст намудани меъёри андозҳо;
– таъмини устувории сиёсати молиявию иқтисодӣ;
– паст намудани меъёри фоизи қарзҳои бонкҳои тиҷоратӣ;
– аз манбаи андозбандӣ озод намудани сармоягузориҳое, ки барои иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҷрибавӣ-сохторӣ (КИТТС), инчунин хариди дастгоҳҳои истеҳсолӣ сафарбар мешаванд;
– мавҷудияти дахолати давлат ба ҷараёни фаъолияти корхонаҳо;
– бунёди фазои иқтисодӣ бо корхонаҳои ватанӣ ва хориҷӣ;
– ислоҳоти корхонаҳои саноати сабук;
– дастгирии истеҳсолкунандагони маҳсулоти корхонаҳои сабук дар бозор;
– солимгардонии муҳити сармоягузории корхонаҳои саноати сабук.

**САТҲИ ДУЮМ**

**Омилҳои баландбардории рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки хориҷӣ (барои маҳсулоти ватанӣ ҳамчун омилҳои манфӣ) дар бозорҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон:**
– сатҳи пасти нархи маҳсулот;
– сифати баланди маҳсулот;
– фаъолнокии хизмати маркетингӣ ва рекламавӣ;
– менеҷменти бомаҳорат;
– имкониятҳои устувори молиявӣ;
– имтиёзҳо дар соҳаи андоз, фоизи қарзи бонкӣ ва ғ.

**САТҲИ СЕЮМ**

**Чорабиниҳои зарурии корхонаҳои саноати сабук барои баландбардории рақобатпазирии маҳсулот:**
– баландбардории тахассуснокии кадрҳо;
– азнавташкилкунии сохтори ташкилию идоракунии корхона;
– навкунии дастгоҳҳои истеҳсолӣ;
– барқарор намудани алоқаи кооперативӣ;
– бунёди хизматрасонии маркетингии қобилиятнок.

**Омилҳои дохилии (манфӣ) – и рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки ватанӣ:**
– истифодаи таҷҳизоти аз ҷиҳати ҷисмонӣ ва маънавӣ куҳнашуда;
– норасоии воситаҳои молиявӣ;
– ҷараёни нисбатан сусти навкуни маҳсулот;
– сифати пасти ашёи хом ва хизматрасониҳои вобаста ба таҳвили он;
– афзоиши сатҳи нархҳо аз ҷониби миёнаравон;
– фаъолияти заифи маркетингӣ ва маълумоти нокифоя оиди бозор;
– сатҳи нисбатан пасти тахассуснокии кормандон;
– истифодаи технологияи номукаммали истеҳсолӣ;
– фаъолияти бесамари менеҷмент дар корхона;
– ноустувории фаъолияти корхона дар самти иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҷрибавӣ-сохторӣ (КИТТС).

**Расми 2. Сатҳҳои идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳияи муаллиф)**

Дар боби сеюми кори диссертатсионӣ **«Самтҳои асосии такмили низоми идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон»** истифодаи таҷрибаи хориҷӣ дар таъмини рақобатпазирии

маҳсулоти саноати сабук, захира ва имкониятҳои баландбардории рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабук ва истифодаи усулҳои инноватсионии таъмини рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук аз нигоҳи илмӣ асоснок ва пешниҳод карда шуданд.

Сохтор ва таркиби бозори ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар кишварҳои пешрафтаи саноатӣ моделҳои самараноки ташкили истеҳсолоти саноатӣ ва таъмини рақобатпазирии маҳсулот таҳия шуда, дар амалияи истеҳсолоти саноатӣ ба таври васеъ истифода карда мешавад. Таҳқиқоти анҷомдодаи мо аз он шаҳодат медиҳад, ки дар аксар корхонаҳои саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми алоҳидаи идоракунии рақобатпазирӣ ва ё ҳамоҳангсозии он вуҷуд надошта, дар ин замина зарурати омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ ва коркарди тавсияҳои асоснокро ба миён меорад.

Дар кори диссертатсионӣ  дар асоси таҳқиқи таҷрибаи хориҷӣ як қатор тавсияҳо коркард шудаанд, ки фарогири чораҳои мушаххас дар самти баланд бардоштани сифати маҳсулот, баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук дар натиҷаи бунёди муҳити созгори корӣ, идоракунӣ ва баландбардории рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои соҳаи саноати сабукро дар натиҷаи диверсификатсияи истеҳсолоти саноатӣ ва ба содирот нигаронидани маҳсулоти истеҳсолшаванда таъмин намудан имконпазир аст. Ҳамчунин баланд бардоштани сатҳи тахассуснокии захираҳои меҳнатии соҳа, таъмини афзоиши ҳосилнокии меҳнат, сифати баланди маҳсулот ва инфрасохтори иқтисодӣ ва дар ниҳоят амали бозори рушдкардаи сармоя барои таъмини рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабук мусоидаткунанда мебошанд.

Дар диссертатсия ҳамчунин ба баландбардории сатҳи рақобатпазирии маҳсулоти саноатӣ аз истифодаи васеи техникаю технологияи инноватсионӣ; дастрасии корхонаҳои саноати сабук ба захираҳои қарзии низоми бонкӣ, сиёсати мусоиди андозӣ, набудани монеаҳо дар пешбурди бизнеси корхонаҳои соҳа, дастгирии давлатии соҳа, аз ҷумла пешниҳоди имтиёзҳои қарзӣ ва андозӣ, баланд бардоштани сатҳи касбияти мутахассисон ва маҳдуд будани амалҳои коррупсионӣ аҳаммияти хосса зоҳир карда шудааст.

Дар шароити иқтисодиёти рақамӣ истифодаи технологияҳои инноватсионӣ, бахусус имкониятҳои маркетинги рақамӣ аз тариқи ба таваҷҷуҳи муштариён пешниҳод намудани сифат ва фоиданокии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук баландбардории рақобатпазириии онро таъмин менамояд. Вобаста ба ҳолати мазкур сатҳи рақобатпазирии маҳсулот ба фаъолнокии сомонаи корхонаҳои соҳа ва фаъолияти корхонаҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ зич алоқаманд мебошад. Бо такя бо натиҷаи таҳлилҳое, ки аз ҷониби мутахассисони ҷопонӣ дар самти муайянкунии рақобатпазирии корхонаҳо ба даст оварда шудааст, метавон хулоса намуд, ки сифати баланди маҳсулот, фоиданокии зиёди он, хароҷоти ками истифодабарии минбаъда, нархи дастрас барои истеъмолкунанда имконият медиҳад, то маҳсулот дар бозор ҳиссаи калонро соҳиб бошад.

Яке аз имкониятҳои баландбардории рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук ин диверсификатсия истеҳсолот мебошад, ки барои васеъ намудани номгӯйи молу маҳсулот мусоидат менамояд. Диверсификатсия имконият медиҳад, ки маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки ватанӣ аз молу

маҳсулоти истеҳсолкунандагони хориҷӣ (молу маҳсулоти воридотӣ) афзалиятҳои фарққунанда дошта бошад. Дар шароити бо молу маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки хориҷӣ (молу маҳсулоти воридотӣ) пур карда шудани бозорҳои дохилӣ, имконияти маҳдуд намудани мавқеи рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсолкунандагони ватанӣ аз эҳтимол дур нест.

